

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№36 (4932)

ЧОРШАНБЕ,
19 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## ТАЪИНОТИ КАДРӢ



**18-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ дар мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ таъиншударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати кишвар дар ҳайати роҳбарии Вазорати маориф ва илм, Вазорати нақлиёт, Кумитаи забон ва истилоҳот, Кумитаи кор бо занон ва оила, Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, Хадамоти иҷро, Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ, Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тағйироти кадрӣ анҷом дода шуд. Аз ҷумла кадрҳое, ки ба синни нафақа расидаанд, аз вазифа озод ва мутахассисони ҷавону варзида ба вазифаҳои роҳбарӣ таъин шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат аз ҷумла, таваҷҷуҳи ҳозиронро ба масоили баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас, ба талаботи замон мутобиқ ва самарабахш намудани тадқиқоти илмӣ, тақвияти ҳамоҳангӣ миёни илму истеҳсолот, беҳтар намудани сифати корҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, кор бо занон ва оила, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани зербино ва хизматрасониҳо дар соҳаи нақлиёт ва дигар мавзуъҳои ҳалталаб ҷалб намуда, ба кадрҳои ба вазифаҳои масъули роҳбарӣ таъиншуда супоришҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки ҳар як хизматчии давлатӣ бояд бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва содиқонаю софдилона, бо қалби поку ниятҳои нек вазифаҳои хизматии худро иҷро намуда, ҳамзамон, мудом дар тарбияи кадрҳои ҷавон ҳамаҷониба саҳмгузор бошанд. Ҳамчунин, ба омӯзиши амиқи забонҳои ҷаҳонӣ ва аз худ кардану ба манфиати кор васеъ истифода намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд.

**www.prezident.tj**



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**18-уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Масъалаҳои мубрами рӯзномаи дуҷониба, ҳамчунин, мавзуоти байналмилалӣ ва минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президентҳо аз сатҳи имрӯзаи ҳамкориҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ карданд.

Сарварони ҳар ду давлат ҳамдигарро бо фарорасии Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Иди саиди Фитр табрик намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муносибати ба имзо расонидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ шодбош гуфтанд.

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо, ҳамзамон, дар робита ба ҷадвали вохӯриҳои минбаъдаи дуҷониба ва бисёрҷониба табодули назар намуданд. Аз ҷумла, оид ба мулоқоти сеҷонибаи президентҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки қарор аст дар охири моҳи ҷорӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор шавад, табодули афкор сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Додоматзода Фахридин бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи суди шаҳри Ҳисор озод карда шавад.

2. Аҳрорзода Шуҳрат Аслон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси суди ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 марти соли 2025, №978**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка таъин намудани Бобокалонзода Л.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон Бобокалонзода Луқмон ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 марти соли 2025, №979**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Сингапур таъин намудани Бобокалонзода Л.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон Бобокалонзода Луқмон ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Сингапур таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 марти соли 2025, №980**

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Марокаш таъин намудани Мирзозода П.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб Мирзозода Парвиз Муродалӣ ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Марокаш таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 18 марти соли 2025, №981**

**21-уми март – Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми декабри соли 2010 дар ҳамоиши 11-уми Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ вобаста ба ҳифзи пиряххо чунин иброз доштанд: «Дар Тоҷикистон зиёда аз 14 ҳазор пиряххои хурду бузург мавҷуданд, ки наздики 60 фисади захираҳои оби дарёҳои минтақаи моро ташаккул медиҳанд. Вале дар тӯли даҳсолаҳои охир зиёда аз ҳазор пирях нест шудааст, ки ин тамоил басо хатарнок аст. Мо набояд ба нобудшавии пиряххо роҳ диҳем, зеро онҳо дар минтақаи бузург манбаи ҳаёт мебошанд».**

# ТАШАББУСҲОЕ, КИ ҶАҲОНРО БЕТАРАФ НАГУЗОШТ



Гармшавии иқлим ва обшавии пиряххо бо ҳам вобастагии зич доранд. Бори аввал моҳи августи соли 1981 олимони иқлимшинос дар бораи хатари гармшавии иқлим бонги изтироб зада буданд. Дар он айём олимон сабаби асосии гармшавии глобалии сайёраро дар афзоиши газҳои гулхонаӣ (парникӣ) дар атмосфера медонистанд. Баъдтар омилҳои дигар, аз қабили тӯфони электромагнитӣ, ифлосшавии сатҳи манбаъҳои об, афзоиши масоҳати хатҳои баландшиддати барқ низ, ба ин фарзия илова гардиданд.

Сабаби дигари босуръат обшавии пиряххо афзудани хокбориш (шамоли серчангу ғубор) мебошад. Солҳои охир дар фаслҳои тобистону тирамоҳ бинобар камборонӣ зуд-зуд хокбориш ба назар мерасад. Шамол омехтаи чангу ғубори намакинро аз майдони хушкшудаи баҳри Арал ба масофаи 800-1000 километр мебарад. Таҳшиншавии чангу ғубор дар болои пиряххо боиси ифлосшавӣ ва боз ҳам тезтар обшавии онҳо мегардад.

Мувофиқи ҳисоби муҳаққиқон, тайи 200 соли охир дар натиҷаи афзоиши истифодаи сӯзишвориҳои карбондор (нефт, газ, ангиштсанг) ва буридани дарахтзор ҳаҷми оксиди карбон дар атмосфера 30 фоиз боло рафтааст.

Яке аз роҳҳои кам кардани газҳои парникӣ зиёд кардани масоҳати дарахтзор аст. Номзади илмҳои кишоварзӣ Шамсиддин Солиев мегӯяд, ки як дарахт соле ба ҳисоби миёна 6 кило гази карбонатро фурӯ мебарад. Ин дар 40 сол қариб ба 250 кило мерасад. Мувофиқи ҳисоби олимони соҳаи биология, як гектар ҷангали кӯҳсор соле то 40 тонна оксиген ихроҷ намуда 4,6-6,5 тонна гази карбонатро фурӯ мебарад.

Тибқи маълумоти Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1930 қариб 23 дарсади ҳудуди кишварамонро ҷангалзор ташкил медод. Ҳоло ин рақам ҳамагӣ 3 дарсадро ташкил медиҳад. Солҳои охир бунёди ҷангалзори нав ва корҳои барқароркунии ҷангал дар ҷумҳурӣ вусъат ёфта истодааст. Аз рӯи маълумоти оморӣ масоҳати пистазор дар кишварамон ба 78000 гектар, чормағззор - 10 000, саксавулзор - 12 000, арчаи кӯҳистонӣ - 150000, тераксор - 11 ҳазор ва дигар дарахту буттазор ба 250000 гектар мерасад.

Соли 1991 масоҳати боғу токзор дар мамлакат 118000 гектарро ташкил медод. Ин рақам соли 2024 ба 205 141,1 гектар расид, ки 39 838,7 гектари онро токзор ташкил медиҳад.

Тозашавии фазои кишвар аз чангу ғубор ва гази карбонат то андозае обшавии босуръати пиряххоро пешгирӣ хоҳад кард. Бо ин мақсад дар мамлакат «Барномаи миллии «кишвари сабз»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва «Барномаи давлатии сабзкории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» қабул гардидааст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки якуми декабри соли 2023 дар Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, чунин таъкид намуданд: «Бо мақсади паст кардани таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030»-ро татбиқ менамояд. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ин стратегия, инчунин, кумаки молиявии ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла барои баланд бардоштани иқтидор ва интиқоли «технологияҳои сабз», зарур мебошад».

Дар боби якуми стратегияи мазкур, ки «Тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳои он барои Тоҷикистон» ном дорад, чунин омадааст: «Обшавии идомадор ва коҳиш ёфтани пиряххо, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманд аст, барои Тоҷикистон боиси нигаронӣ аст, зеро пиряххо ва захираҳои барф дар Тоҷикистон манбаи асосии оби ирригатсионӣ (обёрӣ) мебошанд. Тахминан 30 дарсади қабати пиряххо аз соли 1930 талаф ёфта, айни замон суръати обшавии онҳо талафи 0,5-0,8 дарсади андозаи солонаро ташкил медиҳад. Бузургтарин пиряхи Тоҷикистон пиряхи Федченко мебошад, ки ба масофаи 1 км кӯтоҳ шуда, аз ибтидои асри XX қариб 5 км яхро талаф додааст. Пиряххои начандон калон дар сатҳи поён аз тағйирёбии иқлим бештар таъсир меёбанд ва бо суръати бесобиқа об шуда истодаанд. Масалан, дар Деҳқондара пиряхе ба масоҳати сатҳаш камтар аз 1 километри мураббаъ, ки дар болооби рӯди Қаратоғ воқеъ мебошад, пурра об шуд. Пиряхи Зарафшон ба 10 дарсади давраи солҳои 1927- 2010 коҳиш ёфта, ба 2,5 км кӯтоҳ шудааст».

Бонки ҷаҳонӣ Тоҷикистонро дар Осиёи Марказӣ яке аз кишварҳои ба тағйирёбии иқлим хеле осебпазир баҳо додааст. Тибқи баҳодиҳии индекси мутобиқшавии глобалӣ, ки аз ҷониби Донишгоҳи Нотр-Дам арзёбӣ шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни 185 кишвар ҷойи 111-умро ишғол мекунад.

Мувофиқи дурнамои тағйирёбии ҳарорати ҳаво минтақаҳои пиряххо дар муқоиса бо сатҳи кунунӣ 15-20 дарсад коҳиш меёбанд. Дар ин ҳангом, мувофиқи пешгӯиҳое, ки ба суръати кунунии обшавии пиряххо асос меёбанд, аксарияти пиряххои хурд дар Тоҷикистон давоми 30-40 сол пурра нест мегарданд. Коҳишёбии минтақаҳои пиряххо ба захираҳои оби тоза дар дарёҳои Зарафшон, Кофарниҳон, Қаратоғ ва Обихингоб таъсири назаррас хоҳад гузошт.

Ҳар сол офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти мамлакат садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд. Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиярххо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат, таъсири манфӣ мерасонад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №177, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Неъматзода Ф.Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Неъматзода Фаррух Неъмат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №178, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» озод намудани Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №179, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» озод намудани Низомӣ М.З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Низомӣ Муҳриддин Зайниддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №180, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов» озод намудани Достизода М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Достизода Миралӣ бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №181, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти биологии Помир ба номи Худоёр Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Хуҷамзода Г.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хуҷамзода Гулнора бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Институти биологии Помир ба номи Худоёр Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №182, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Аминзода П.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Аминзода Пулод бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №183, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод намудани Шариф Раҳимзода**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шариф Раҳимзода бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон озод карда шавад

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №184, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Холзода А.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Холзода Абдулҳаким Қуввват бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №185, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Неъматзода Ф.Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Неъматзода Фаррух Неъмат муовини якуми вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №186, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҳошимзода Ҳ. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №187, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Музаффарзода Б.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Музаффарзода Бадриддин Сангалӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №188, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Набизода М.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Набизода Мадина Раҳмат муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №189, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Одиназода Ч.Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Одиназода Чаманоро Рустам муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №190, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» таъин намудани Назарзода М.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назарзода Маҳмуд Мирзо ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №191, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов» таъин намудани Давлатзода Б.Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Баҳодур Давлат ректори Муассисаи давлатии «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №192, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин намудани Гулаҳмадзода А.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №193, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин намудани Бобозода К.О.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бобозода Комил Олимҷон директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №194, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин намудани Сафарализода Н.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарализода Носир Саидҷалол директори Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №195, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Институти биологии Помир ба номи Худоёр Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин намудани Абдулназарзода А.Ғ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдулназарзода Абдулназар Ғойбназар директори Институти биологии Помир ба номи Худоёр Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №196, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин намудани Саидзода М.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Масрур Мирзохон ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №197, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сафарзода А.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Абдулло Мумин директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №198, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Баротзода Ф.К.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Баротзода Файзиддин Камолиддин муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №199, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Саиднуриддинзода А.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №200, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Ҷабборзода Д.З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷабборзода Динора Зуҳал муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 18 марти соли 2025, №201, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Одиназода И.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Одиназода Исмоил Мирзомуддин муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ТАШАББУСҲОЕ, КИ ҶАҲОНРО БЕТАРАФ НАГУЗОШТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити «Гурӯҳи 77 ва Чин» дар доираи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP- 28) дар хусуси чораҳои кам кардани партовҳои гулхонаӣ сухан ронда, аз ҷумла чунин иброз намуданд: «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, афзоиши истеҳсоли «энергияи сабз» мебошад. Бунёди иншооти энергетикӣ, бахусус неругоҳҳои барқи обӣ, офтобӣ ва бодӣ, аз қабили иқдомоти муфид дар ин самт ба ҳисоб мераванд. Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад».

Ҳар сол дар ҷаҳон бо мақсади истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои ҳароратӣ ва сӯзишвории нақлиёт миллионҳо тонна маҳсулоти нефтӣ сарф мешавад, ки ихроҷи газҳои парникиро бештар мекунад. Коршиносон бо мақсади пешгирии партоби газҳои парникӣ истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия (об, офтоб, шамол, биогаз, биоэтанол, неруи обҳои гарм) ва гузаштан ба нақлиёти барқиро тавсия медиҳанд. Тавре вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фазлиддин Икромӣ иброз намуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ИДМ аз ҷиҳати истеҳсоли неруи барқи тоза ҷои якум ва дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол мекунад. Дар кишвари мо қариб 98 дарсади неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад. Илова бар ин, сол ба сол дар мамлакат таваҷҷуҳ ба дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия, мисли энергияи офтоб ва шамол низ, зиёд шуда истодааст. Мувофиқи ҳисоботи коршиносони Бунёди байналмилалии табиат (WWF) то соли 2050 кишварҳои ҷаҳон пурра ба энергияи барқароршаванда рӯ меоранд.



Боиси ифтихор аст, ки дар пойтахти мамлакат бо ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нақлиёти мусофиркаш давра ба давра ба нақлиёти барқӣ гузашта истодаанд. Ҳоло дар кӯчаҳои пойтахт ғайр аз электромобил, инчунин, электробус ва микроэлектробусҳо низ дар ҳаракатанд. Дар назар аст, ки то моҳи сентябри соли равон тамоми таксиҳо дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби электромобил хоҳанд шуд.

Дар ҳифзи пиярхҳо ва пешгирӣ аз оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим ҳар яки мо метавонем ҳисса гузорем. Сарфаю сариштакорӣ дар истифодаи об, пешгирии ифлосшавии манбаъҳои об, шинондани ниҳоли дарахтон ва зиёд кардани майдони гулу рустаниҳо, ҳифзи арчазор, истифодаи самараноки энергияи офтобу шамол, кишоварзии органикӣ, кам кардани партовҳои пластикӣ ва ғайра аз ҷумлаи иқдомҳои экологие мебошанд, ки дар самти пешгирии оқибатҳои номатлуби тағйирёбии иқлим самара хоҳанд дод.

Маҷмаи умумии СММ 14-уми декабри соли 2022 зимни Иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиярхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард. Дар асоси он пешниҳодҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо ва дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе бо иттифоқи оро аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд. Ин ҷонибдорӣ бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ эътимоди комил дорад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ОМИЛИ ИТТИҲОДУ НЕКУАҲВОЛӢ

**Ҳамасола чун анъана сокинони мамлакат паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»-ро бесаброна интизор мешаванд ва онро ҳамчун роҳнамо ва барномаи комил барои фаъолияти минбаъдаи хеш мавриди корбурд қарор медиҳанд, зеро дар паёмҳои Президенти мамлакат тамоми соҳаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дурнамои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ барои солҳои минбаъда муайян мегардад.**

Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ иброз доштанд, ки «Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст». Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки волоияти қонун, риояи меъёрҳои Конститутсия дар давлати ҷавону соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар мадди аввал қарор дошта, таваҷҷуҳ ба ин масъала хос ва доимист.

Тӯли таърих собит шудааст, ки маҳз ҷомеаи адолатпарвар устувор боқӣ монда, бемайлон рушд менамояд. Муҳаққиқон ба он назаранд, ки шакли аз ҳама самараноки давлатдорӣ соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии он маҳсуб меёбад. Дар ин робита Президенти кишвар таъкид намуданд: «Моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем».

Боиси ифтихори тоҷикистониён аст, ки баҳри тадриҷан беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ паёмҳои Роҳбари давлат нақши муҳим гузошта истодаанд.

Ба ибораи дигар, Паём кӯшиши фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, таъмини сулҳу субот, ободонию гулгулшукуфии кишвари азизамон – Тоҷикистонро таҳкиму суръат мебахшад.

Яке аз ҳадафҳои созанда ва афзалиятноки Ҳукумати мамлакат низ баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шуд, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд. Инчунин, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабию таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз ва маоши вазифавии кормандони соҳаҳои фарҳанг, маорифу илм, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад. Ин тадбирандешиҳои судманди Президенти мамлакат аз он дарак медиҳад, ки рӯз ба рӯз сатҳу сифати зиндагии мардум беҳтар гардида, барои зиндагии шоиста шароити мусоид фароҳам мешавад.

Дар баробари ин, арҷгузорӣ ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, амнияту оромӣ ва ваҳдати комил дар кишвар яке аз ҳадафҳои созандаи давлату Ҳукумати мамлакат ба шумор рафта, моро мебояд ҳамчун гавҳараки чашм онҳоро ҳифз намоем. Моро лозим аст, ки баҳри таъмини суботу амният ва ҳифзи якпорчагии мамлакат беш аз пеш фаъолу ҷонфидо бошем.

**Дилшод ҚОДИРЗОДА,**
**ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мушовири адлияи дараҷаи 3**

# ДАР ИН ҶО НАВРӮЗ ФАҚАТ САРИ СОЛ НЕСТ

**Наврӯз аз ҷашнҳои ҳувиятсози мо мебошад. Дар тамоми давраи мавҷудияташ барои мардуми тоҷик гиромӣ буду ҳаст. Аз ин ҷост, ки дар дурдасттарин гӯшаву канори сарзаминҳои ориёӣ бо шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифта мешавад. Гарчанде дар умри чандинҳазорсолаи Наврӯз равандҳои зиёде дар бархӯрд бо он «мағлуб» шудаанд, аммо таъсири баъзе ҷараёнҳои мазҳабӣ ба руҳияи мардум ба назар мерасад. Бинобар ин, гоҳо асолатбохтае ҷашн гирифтани ин иди байналмилалии барои ҳар тоҷик азизро норавo талаққӣ кардани мешавад. Дар натиҷаи чунин муносибат баъзе оину суннатҳои хоси Наврӯз, махсусан дар шаҳрҳо ва дигар минтақаҳои сераҳолӣ оҳиста-оҳиста аз байн рафтанд ва ё шакл иваз карданд.**

Аммо кӯҳистони тоҷик, бинобар дастнорас будан ва эмин мондан аз тохтутозҳои аҷнабиён чун муҳофизи беминнат дар нигоҳдории асолати миллӣ хидмат кард. То ҳол расму оинҳои хоси Наврӯз дар минтақаҳои гуногуни кишвар дар шакли аслиаш боқӣ мондааст, аз ҷумла дар деҳаи Нарвад ва дигар деҳаҳои атрофи Искандаркӯли ноҳияи Айнӣ.

Дар ин ҷо Наврӯз фақат ҷашни сари сол нест, балки оғози зиндагии нав аст. Бо фаро расидани моҳи



март мардуми деҳ нахуст манзили зистро ба Наврӯз омода мекарданд. Омодагӣ аз тамизкорӣ оғоз мешуд. Замони кӯдакии мо, ки ба солҳои 90-уми асри гузашта рост омад, новобаста аз мушкилоти рӯз ва камбуди маводи ғизо Наврӯз бошукӯҳ ҷашн гирифта мешуд. Он даврон деворҳои хонаҳои истиқоматӣ аслан бо оҳак сафед карда мешуд. Аз ин рӯ, замони такрори ин кор дар арафаи омодагӣ ба Наврӯз амалӣ мегашт. Мисле, ки нақшаи кории мураттаб амал мекарда бошад, омодагӣ ба Наврӯз бо тартиб сурат мегирифт. Пас аз тамиз шудани хона ва биноҳои ёрирасон корҳо дар замин идома меёфтанд. Ҷӯйборҳо поккорӣ, дарахтон сафед карда мешуданд. Замини кишт пурра ба шудгор омода мегардид.

Имрӯз ҳам чунин аст. Пас аз омода шудани хона омодагӣ ба рӯзи ҷашн оғоз мешавад. Хусусан, дар зарфҳо сабзаҳоро дамонда, чун рамзи баҳор ва Наврӯз дар назди тирезаҳо мегузоранд. Бо наздик шудани санаи ҷашн писарбачаҳои деҳа гули сияҳгӯшро, ки дар шеваи мардуми маҳал «бойчечак» ном дорад, дар чӯбдастае баста, чун пайки баҳор хона ба хона сурудхонон мегардонанд. Дар ин маросим зеботару муассир муносибати мӯйсафедону кампиракони деҳ ба гули бойчечак аст, зеро онҳо бо шукргузорӣ аз он ки боз ба як Наврӯзи дигар саломат расиданд, гулро бӯсида ба дидаҳояашон мемоланд. Шояд дар замонҳои гузашта ба наврасони бойчечакгардон ширинӣ медоданд, аммо ҳоло соҳибхона ба писарбачаҳо маблағи муайяне медиҳад. Ҳамин гуна, бойчечак ҳама хонаҳои деҳаро мегардад. Бо маблағе, ки аз ҳисоби гулгардонӣ ҷамъ мешавад, ҳар гуна шириниҳо харида, ба кӯдакони деҳ тақдим менамоянд.

Сурудҳои баҳорию наврӯзӣ ва дар васфи гули бойчечак, ки бачаҳо ҳини гулгардонӣ мехонанд, фолклорӣ буда, аз даҳон ба даҳон то имрӯз омада расидааст.

Дар фосилаи то Наврӯз сокинон ба аёдати пирону барҷомондагон ва беморон мераванд, инчунин, ба ҳашар баромада, пулу роҳҳоро таъмир менамоянд. Пас аз муайян шудани санаи ҷашн анъанаҳои Наврӯз ҳар яке дар мавридаш иҷро карда мешавад. Масалан, шоми пеш аз Наврӯз маросими «гармихӯракон» сурат мегирад. Гармӣ хӯроки миллии тоҷикӣ аст, ки дар минтақаҳо бо номҳои гуногун, аз қабили оши бурида, оши турш ва ғайра ном мебаранд. Бегоҳии рӯзи пеш аз Наврӯз дар ҳар хона гармӣ пухта, бо дасти кӯдакон ба наздикон ва ҳамсояҳо равон мекунанд ва зарфи хӯрокбурдаро тарафи дигар бо гармӣ пур менамояд, ки меҳру муҳаббати хешутаборию расми хуби ҳамсоядориро ифода менамояд. Мардони деҳа дар ин рӯз бо худ гармӣ гирифта, дар як ҷо ҷамъ мешаванд ва аз хӯрокҳои бурдаи ҳам кам-кам хӯрда, маслиҳати дар сатҳи зарурӣ гузарондани ҷашнро мекунанд.

Дар ин шаб писарбачаҳои деҳа низ серташвишанд, зеро бар дӯши онҳо низ масъулияте бор аст. Онҳо бояд маросимеро иҷро кунанд, ки аз падаронашон мерос мондааст. Ин маросим пиёдасаворон мебошад. Он ба бойчечакгардонӣ монанд буда, тафовуташ дар он аст, ки бачаҳо онро дар шаб иҷро намуда, маҳсулот ҷамъ мекунанд. Пиёдасаворон низ бо сурудҳои махсуси фолклорӣ иҷро мешавад. Маҳсулоти ҷамъшударо ҳангоми корҳои ҷамъиятӣ оши палов пухта ба мардум медиҳанд. Ё ин ки насли мактабхони деҳа дар ягон мавзеи мувофиқ зиёфат ташкил карда, бо ҳам сари дастархон мешинанд.

Анъанаи дигаре, ки дар арафаи Наврӯз баргузор мегардад, ҷуфтбаророн мебошад. Дар ин рӯз пирони деҳ барзаговҳои ҷуфтиро ба замини корам даровarда, бо риояи тамоми расму русуми деҳқонӣ ба кишти баҳорӣ оғоз менамоянд. Аввал дуову фотеҳа намуда, барзаговҳоро бо ҳазориспанд дуд карда, ба шохҳояшон равған мемоланд. Баъдан, писарбачае пеш-пеши барзаговҳо меравад ва нафаре аз мардони деҳ ба шудгори замин оғоз мебахшад. Иҷрои ин амалҳо дар пиндори мардуми деҳ ҳатмӣ буд, зеро ҳама кору амал дар Наврӯз орӣ аз хурофоту зиёдаравӣ буда, дорои розу рамзҳое мебошад. Масалан, равған кардани шохи говҳои шудгоркунанда ба умеди фаровониву серҳосилӣ амалӣ карда мешавад.

Дар иди Наврӯз тамоми мардуми деҳ либоси идона ба бар карда, дастархони наврӯзӣ мекушоянд. Даромадани Наврӯзро дар ин рӯз бештар аз руҳияи идонаи кӯдакони деҳа, ки саҳари барвақт бо борхалтаҳо гурӯҳ-гурӯҳ бо нидоҳои «соли наватон муборак шавад» хона ба хона мегарданд, пай мебарем. Соҳибхона халтаҳои онҳоро бо кулча ва шириниҳои гуногун пур мекунад. Ҳамин тавр, дар ин рӯз хурду калони деҳ Наврӯзи ҳамдигариро табрик гуфта, бо шодмонӣ ва дилу нияти пок аз дари ҳамдигар медароянд, аз аҳволи нафарони барҷоймонда хабар мегиранд. Занҳои деҳа гурӯҳ-гурӯҳ шуда, хӯроки наврӯзии суманакро тайёр менамоянд. Баъдан, тамоми аҳолии деҳ дар майдони ҷашнгирии Наврӯз ҷамъ меоянд ва гурӯҳ-гурӯҳ (аксаран бо ҳамсолони худ) ҷой гирифта мешинанд. Дастархон кушода, зиёфат мерорянд. Дар рӯйи дастархон таомҳои миллиро мегузоранд. Дастаи ҳаваскорони мактаб барномаи омоданамудаашонро ба мардуми деҳ манзур менамоянд. Собиқадорону мӯйсафедон аз суннатҳои инсондӯстонаи Наврӯз ёдовар шуда, ҷавононро ба корҳои нек - ободкорию созандагӣ ҳидоят мекунанд. Асбобу анҷоми қадимаро, ки дар аксари хонаҳои Нарвад ва деҳаҳову мавзеъҳои гирду атрофи он пайдо кардан мумкин аст, ба намоиш мегузоранд, ки ин далели созандаву бунёдкор будани аҷдодони тоҷикон мебошад. Кампиракони деҳа ҳунарҳои гузаштагон, аз қабили пашмресиву намадмолӣ ва монанди инҳоро намоиш медиҳанд. Пас аз анҷоми барномаи консертӣ машғулиятҳои варзишӣ баргузор гардида, (гӯштин, бозии шоҳмот, волейбол, шашка, тенниси рӯйи миз, хурӯсҷанг ва ғайра) ба ҳамин ҷашни Наврӯзро ҷамъбаст мекунанд. Пас аз Наврӯз аҳолии деҳа заминҳоро барои кишти баҳорӣ омода намуда, охири моҳи март ба ниҳолшинонӣ ва бунёди боғҳо шурӯъ менамоянд.

Яке аз вазифаҳои аслии Наврӯз, ки муттаҳид кардан аст, ваҳдати мардумони ҷаҳон ва тоҷикони бурунмарзӣ аз беҳтарин кӯшишҳои ин маросим мебошад. Бинобар ин, Роҳбари давлатамон, ки аз ташаббускорони асосии мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз мебошанд, пайваста аз ҳамзабонону ҳамтаборон ва дигар қавмҳои ориёӣ даъват мекунанд, ки дар Наврӯз ба Тоҷикистон биёянд. Воқеан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Наврӯз ва дигар ҷашнҳои миллии ҳувиятсозро бо ҳамаи оину суннатҳояшон эҳё карданд. Имрӯз ҳар нафари аз таъриху фарҳанги ориёӣ огоҳ бо тамошои барномаи наврӯзии Тоҷикистон дарк мекунад, ки давлатдории навини тоҷикон то чӣ андоза дар эҳё ва рушди фарҳанги пурғановати миллӣ саҳм гузоштааст.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# ҶАҲОН АЗ БОДИ НАВРӮЗӢ ҶАВОН ШУД

**Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мост, ки бо кӯшишу талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз дар саросари ҷаҳон маъруф асту мардуми кишварҳои гуногун қатори мо онро ҷашн мегиранд.**

Наврӯз, чунон ки аз маънии вожа бармеояд, рӯзи нави соли нави аҷдодист. Солшумориро ниёкони мо аз ин рӯз ба ҳисоб мегирифтанд ва дар ҳақиқат дурустии ин ҳисобро ҳеҷ шубҳае нест. Маҳз эҳёи табиат дар ин рӯз хеле рӯшан ба назар мерасад. Шайх Фаридуддини Аттор дар ин боб хеле зебо фармудаанд:

**Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ ҷавон шуд,**
**Зиҳӣ, зебо, ки ин соат ҷаҳон шуд.**
**Шамоли субҳдам мушкиннафас гашт,**
**Сабои гарми ӯ анбарфишон шуд.**

Аз рӯзи ба тахти салтанат нишастани охирин шоҳи сосонӣ Яздигурд (632-681) 16 июли соли 632 оғози ҳамин солшуморист.

Баъди густариши дини мубини ислом муддате дар Эрон ва Осиёи Миёна ҷашнгирии Наврӯз манъ гардид. Хулафои араб намехостанд, ки аҷамиён Наврӯзро ҷашн бигиранд. Ниёгони мо пинҳону ошкор ба базмгоҳҳо ҷамъ омада, ба қадри имкон дастархон мегустурданду суҳбат меоростанд. Вале аз рӯзи нахусти ба тахти хилофат нишастани ҳазрати Алӣ (р) монеаҳо аз байн рафтанд. Ҳафтшин ба ҳафтсин табдил дода шуд.

Ҷашни Наврӯз замони салтанати Сомониён ба анъанаи неке табдил ёфт. Дар ҳар як гӯшаи шаҳрҳо маъракаҳои идона ороста мешуд. Соҳиби «Таърихи Бухоро» чунин ёд мекунад:

«Ва ин деҳаро ҳар понздаҳ рӯзе бозор аст. Ва чун бозори охирини сол бошад, бист рӯз бозор кунанд ва бисту якум рӯз Наврӯз кунанд. Ва онро «Наврӯзи кишоварзон» гӯянд».

Аз ашъори парокандаи маликушшуаро Абуабдулло Рӯдакӣ чунин бармеояд, ки шоҳон ва надимону вазирони он давр хеле бодабдаба дар ин ҷашн ширкат меварзиданд. Шуаро ашъори ба Наврӯз бахшидаи худро мехонданд:

**Бод ба ту мубораку хуншон,**
**Ҷашни Наврӯзу гӯспандкӯшон.**

Чунин мисолҳо натанҳо дар ашъори устод Рӯдакӣ, балки дар мероси дигар адибони қарни Х ва асрҳои баъдӣ ба чашм мерасад.

Миёни мардум ин ҷашн чун мероси ниёкон дар ҳама давру замон азиз буд ва онро муқаддас медонистанд. Шоирони маълуму номаълуми халқӣ садҳо байту рубоӣ ва дубайтиву суруд эҷод намудаанд. Ашъори зер гувоҳи дурустии фикри мост:

**Наврӯза ба навбаҳор кай мебинум?**
**Гулҳора ба шаш қатор кай мебинум?**
**Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,**
**Дунёра ба як қарор кай мебинум?**

* * *

**Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,**
**Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.**
**Мурғони ҷаҳон ҷумла бикарданд парвоз,**
**Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.**

* * *

**Ман рӯйи туро бинаму Наврӯз кунам,**
**Шабро ба сари санги сияҳ рӯз кунам.**
**Шабам ба сари санги сияҳ рӯз нашуд,**
**Ҷонакма фидои ёри дилсӯз кунам.**

* * *

**Э падар, бархезу наврӯзӣ биёр,**
**То туро раҳмат кунад Парвардигор.**

Оинҳои наврӯзӣ як анъанаи соф миллии мардуми машриқзамин буд ва ҳамсони Наврӯз таърихи куҳан дорад. Яке аз чунин оинҳо гулгардонист. Гулгардонӣ дар давру замонҳо хусусиятҳои хоси худро дошт. Чунон ки пирон ёд медиҳанд, дар навоҳии Раштон низ ин маросими миллӣ аз замонҳои хеле дур бо шукӯҳу шаҳомати бузурге мегузашт. Ибтидо бачаҳо ба хонаҳо гул мебурданд. Он гул аз даст ба даст мегузашту бачаҳо тоқии гулдӯзиро аз ҳадяҳои наврӯзӣ пур мекарданд. Он рӯз рӯзи хурсандӣ ва шодмонии тамоми мардум буд. Калонсолон бо меҳру муҳаббати хоса гули наврӯзиро мебӯсиданд, ба чашм мебурдანду мегуфтанд: «Вазниниҳои ман аз тую сабукиҳои ту аз ман». Чунин муносибат ба беҳуда набуд. Агар касе ҳамон рӯз солиму сиҳат бошад,то Наврӯзи дигар ҳамон хел бардаму солим мемонд, ҳикоят мекунанд пирон.

Байни ҷавонон гулгардонӣ ранги дигар дошт. Бахусус, байни толибилмон. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ довталаб шуда, ба деҳоти ҳамсоя гул мебурданд. Сипас дар саҳни хонақоҳ мизбонони ҷавон меҳмонони ҳамсоли хешро қабул мекарданд. Рӯёрӯйи ҳам менишастанду чанд тан аз аҳли фазл ҳакам мешуданд. Байни ҷавонони ду деҳа баҳси илмӣ оғоз мегардид. Ибтидо бо ашъори ба Наврӯз бахшида баҳс шурӯъ мешуд, баъд дар ҳар боб дониши ҳамдигарро месанҷиданд. Фарҷоми кор агар мизбонон мағлуб мегардиданд, чорпоеро забҳ намуда, меҳмононро зиёфат медоданд ва сарупои нав мепӯшонданд. Агар меҳмонон бозиро мебохтанд, мизбонон саллаву ҷомаашонро мерабуданд…

Адади ҳафт низ дар оинҳои наврӯзӣ аз қадим ҷой дорад. Ибтидо ҳафтшин буд. Яъне: шаҳд, шир, шароб, шакар, шамъ, шамшод ва шона. Ин ҳафт унсуре, ки дастархони наврӯзиро зинат медод, рамзҳои ҳаётанд. Амсоли шамъ - рамзи ғалабаи некӣ ба бадӣ, шир - сапедии сари Соли нав, покӣ ва орзуи тамоми сол сафедбахт будан. Оғози хӯрок субҳи Наврӯз аз нӯшидани шир шурӯъ меёфт. Шаҳду шакар рамзи ширинии ҳаёт, шароб рамзи бахту саодат, хушбахтӣ, табъи болидаи хонадон. Шамшоду шона - рамзи сарсабзӣ, умри бобаракат.

Ҳафт син - сир, сипанд, сирко, санҷид, себ, суманак, самак (моҳӣ). Дар суфра як косаи пуроб, ки дар он барги сабзе дар шино бошад ва гӯлоб мегузоштанд. Сабзаи суманакро низ болои хон мениҳоданд, ки он низ рамзе буд. Дар хони наврӯзӣ ба ғайр аз ҳафтсин як чанд тухми рангкардаи мурғ, сари ҳар як нафар шамъ, як фурқон ва моҳӣ мегузоштанд.

Суманак яке аз рамзҳои муҳими Наврӯз аст. Пухтани суманак ба дилҳо сурур мебахшад. Мардум даври деги ҷӯшидаистодаи суманак мехонданд:

**Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,**
**Дигарон дар хоб, мо дафча занем.**

Маъракаҳои наврӯзӣ дар ҷойҳои муайян гузаронида мешуданд. Ин маъракаҳо бо номҳои махсус ёд мешуданд. Одамон дар базмгоҳ ҷамъ меомаданд. Хӯрокҳои болаззат мепухтанд. Шоирон шеър мегуфтанду қиссахонон қисса. Садои дафу чанг гӯши фалакро кар мекард. Дар гӯшае паҳлавонони номдори пиру барно ба майдони гӯштӣ медаромаданд. Ҷои дигар чавгонбозӣ авҷ мегирифт. Дар деҳот ҷашни Наврӯз бо маъракаҳои ҷуфтбаророн, бузкашӣ, пойгаҳ, гӯштигирӣ ва маслиҳати ободонӣ оғоз меёфт.

Маъракаи ҷуфтбаророн рӯзи савуми ҷашн шурӯъ мегардид. Ҷавонон ҷуфти барзаговҳои кориро ба сари замин мебурданд. Дар дегҳои калон умоҷи бошир мепухтанд. Баъд пирон гирди дастархони пур аз нозу неъмат давра мегирифтанд. Баъди фотеҳаи дастархон пирамарди деҳқоне аз як гӯшаи замин ба шудгор намудан шурӯъ мекард. Чун ба он канори мазраи замин мерасид, муштаи сипорро ба дасти ҷавоне медоду даст ба дуо мебардошт. Деҳқони дигари маҳосинсафед дар доман тухми гандум мепошиду даст ба дуо бардошта, аз Худованд ҳосили фаровон таманно мекард. То бегоҳ ҷавонон он рӯз ба навбат замин шудгор мекарданду дигарҳо ба базму бозӣ машғул мешуданд.

Яке аз оинҳои муҳими Наврӯз ободонӣ ва тозагист. Чанд рӯз пеш аз оғози ҷашн мардум ба ин кор шурӯъ менамуданд. Тозагӣ ва ободонӣ аз ҳавлии ҳар фард оғоз мегардид. Баъд ба кӯча мебаромаду тамоми шаҳр ё деҳаро дар бар мегирифт. Ҷойҳои вайроншударо таъмир мекарданд. Биноҳоро сафед менамуданд. Ҳамин тариқ, то рӯзи ид он мавзеъ ба як гӯшаи ободу зебо табдил меёфт.

Оташ афрӯхтан ва аз болои он ҷаҳидан то наздикиҳо дар тамоми манотиқи Раштон вуҷуд дошт. Онро мардуми ин мавзеъ «аловпарак» низ мегуфтанд. Бештар занон чунин оинро дунболагирӣ доштанд. Ин оини қадимаи наврӯзист. Онро ниёгони мо «чоршанбеи сурӣ» меномиданд. Дар шаби чоршанбе оташ афрӯхта, аз болои он меҷаҳиданд ва се бор ин суханонро ба забон меоварданд: «Сурхии ту аз ман, зардии ман аз ту».

Хуб ёд дорам. Бачаи мактабхон будам. Бегоҳи чоршанбеи арафаи Наврӯз занон гурӯҳ-гурӯҳ дар боғҳои деҳа ҷамъ меомаданд ва ҳемаи ҳезумро болои ҳам чида оташ дар медоданду ҳар кадоме се маротиба аз болои оташ меҷаҳид. Онҳо эътиқод доштанд, ки оташи муқаддас тамоми дарду ғам ва гуноҳҳои давоми сол содирнамударо месӯзаду дар соли нав эшон ҳамранги тифли навзод зиндагӣ мекунанд. Маълум аст, ки эътиқод ба оташи муқаддас аз жарфи қарнҳои пешин то бадон рӯз расида буд. Аҷиб ин буд, ки дар ягон давру замон касе садди роҳи ин оини аҷдодӣ намегардид.

Оини дигари наврӯзӣ «Дарахти Наврӯз». Ин анъанаи нек ҳанӯз аз рӯзгори пешиниён вуҷуд дошт. Мардум пеш аз он ки ба Наврӯзгоҳ мерафтанд, белу ниҳоле чанд гирифта, ба ягон ҷойи ба дил мувофиқ мерафтанд ва мегуфтанд: «Барои хайри мардум ва хотири шодгардонии Худованд дар ин рӯзи саид». Ва баъд ба бехи ниҳолҳо хок мекашиданд. Маросими «Дарахти Наврӯз» чанд рӯз идома меёфт. Боғҳо бунёд мешуд. Барои боғи нав ҷӯй мекашиданду дарахтони навшинондаро об мемонданд. Наврӯзи дигар дар паҳлуи он боғ боз боғи наве бунёд мегардид…

Албатта, дар боби Наврӯз ҳар қадар ҳарф бизанем, фарҷом нопайдост. Яъне он қадар қиссаву ҳикоя ва саргузаштҳои ибратомӯз аз ниёгон дар айёми Наврӯз боқӣ мондааст, ки ҷилд-ҷилд китоб мешавад. Шайх Саъдии бузургвор фармудае дорад, ки он ба навиштаҳои мо ҳусни хатм мебахшад:

**Муборактар шабу хуррамтарин рӯз,**
**Ба истиқболам омад бахти пирӯз.**
**Духулзан, гӯ, ду навбат зан башорат,**
**Ки дӯшам қадр буд, имрӯз Наврӯз.**

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**



**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427971 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Идомаи корҳои сохтмонии синфхонаҳои иловагӣ дар филиали муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20, воқеъ дар деҳаи Нуристони ҷамоати деҳоти Зиракӣ | Хариди мустақим | Кор | 1 | 21.03.2025 10:06:22 |
| 2 | 427998 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №8»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 30.03.2025 13:00:00 |
| 3 | 427999 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идомаи корҳои сохтмонию васлкунии Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.04.2025 10:55:00 |
| 4 | 427936 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Равғанҳои молиданӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 09.04.2025 15:40:25 |
| 5 | 427937 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббӣ-санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Техникаи идоравӣ, мебел печка, қуттии зиддисӯхтор ва рахти хоб | Озмуни кушод | Мол | 12 | 09.04.2025 16:00:55 |
| 6 | 427938 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Масолеҳи сохтмонӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишвории дизелӣ, асфалт ва битум | Озмуни кушод | Мол | 25 | 09.04.2025 16:05:45 |
| 7 | 427939 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Хуросон | Дарахти сӯзанбарг | Озмуни кушод | Мол | 1 | 09.04.2025 16:10:40 |
| 8 | 427940 | Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мастчоҳ | Сечархаи барқии боркаш, бочкаи пластикӣ, гул ва дарахт | Озмуни кушод | Мол | 21 | 09.04.2025 16:20:00 |
| 9 | 427941 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории шуъбаи Раёсати кумита дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёт дар вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2025 16:40:00 |
| 10 | 427942 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Беҳтар кардани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Ҳисор ва Душанбе тариқи тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо ва дигар иншооти мелиоративӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2025 16:40:00 |
| 11 | 427943 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об»-и АБЗ ва О | Таъмири ҷории биноҳои маъмурии муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2025 16:45:00 |
| 12 | 427944 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Пойафзол барои коргарон | Озмуни кушод | Мол | 3 | 09.04.2025 16:55:48 |
| 13 | 427945 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ҷорӯби ҳавлирӯбӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 09.04.2025 16:59:52 |
| 14 | 427946 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ҷорӯби ҳавлирӯбӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 09.04.2025 17:03:33 |
| 15 | 427947 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Нурии минералӣ, ниҳол ва тухмии гул | Озмуни кушод | Мол | 8 | 09.04.2025 17:08:19 |
| 16 | 427949 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Либоси махсуси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 09.04.2025 17:22:36 |
| 17 | 427948 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Маводи хоҷагидорӣ, канселярӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 96 | 09.04.2025 17:25:58 |
| 18 | 427950 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №25№-и шаҳри Хуҷанд | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, техникаи маишӣ ва кат | Озмуни кушод | Мол | 47 | 09.04.2025 17:35:35 |
| 19 | 427951 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25 | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 09.04.2025 18:10:35 |
| 20 | 427957 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №5 ба номи «Офтобак»-и шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 21 | 427958 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 22 | 427959 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Аломати роҳ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 23 | 427960 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №20-и шаҳри Исфара | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 22 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 24 | 427961 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №4 ба номи «Ситора»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 25 | 427962 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Асбобҳои мусиқии нафасӣ (карнай) барои гузаронидани чорабинии фарҳангӣ бахшида ба таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз-2025 дар «Варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 1 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 26 | 427963 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Хизматрасонӣ оиди чоп ва насби баннер (ҳаҷм - 668,75 $м^2$) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 09.04.2025 21:25:25 |
| 27 | 427964 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №12»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 10.04.2025 08:30:35 |
| 28 | 427974 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №83»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 10.04.2025 08:31:30 |
| 29 | 427965 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №2»-и ҷамоати деҳоти ба номи Д. Холматов | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 36 | 10.04.2025 08:40:35 |
| 30 | 427976 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд (идомаи корҳои сохтмонӣ - корҳои оҳанубетонӣ ва гидроизолятсия) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 08:40:40 |
| 31 | 427975 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси кӯдакону наврасон оид ба теннис» | Тӯби теннис | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.04.2025 08:45:24 |
| 32 | 427966 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №2»-и ҷамоати деҳоти ба номи Д. Холматов | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 10.04.2025 08:50:00 |
| 33 | 427968 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей- интернат» дар ноҳияи Ховалинг | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 10.04.2025 08:52:56 |
| 34 | 427967 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ-техникии саноати кишоварзӣ»-и шаҳри Кӯлоб | Мебел ва техникаи маишӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 10.04.2025 08:53:17 |
| 35 | 427969 | Филиали Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таълимии №34 дар деҳаи Селбури ҷамоати деҳоти ба номи Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 08:58:00 |
| 36 | 427970 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки хушки саг ва консерваи гӯштӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 10.04.2025 09:00:00 |
| 37 | 427972 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Мастчоҳ | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 143 | 10.04.2025 09:00:00 |
| 38 | 427973 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 152 | 10.04.2025 09:05:00 |
| 39 | 427980 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №77»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 10.04.2025 09:15:29 |
| 40 | 427981 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №4»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 10.04.2025 09:21:31 |
| 41 | 427983 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №6»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 10.04.2025 09:35:26 |
| 42 | 427984 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №96»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 10.04.2025 09:37:46 |
| 43 | 427982 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Мизу курсӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 10.04.2025 09:40:00 |
| 44 | 427988 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 10.04.2025 09:45:35 |
| 45 | 427985 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №154»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 10.04.2025 09:45:59 |
| 46 | 427990 | Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | Техникаи идоравӣ, мебел, дарахт, молҳои канселярӣ, ниҳоли гул, техникаи маишӣ, молҳои барқӣ, китобҳои дарсӣ, стенд, расм ва камераҳои назоратӣ | Озмуни кушод | Мол | 71 | 10.04.2025 09:55:25 |
| 47 | 427993 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Панҷ | Битум | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.04.2025 10:00:25 |
| 48 | 427989 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №124»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 10.04.2025 10:00:57 |
| 49 | 427991 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №41» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 36 | 10.04.2025 10:05:12 |
| 50 | 427996 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон | Мол ва лавозимоти варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 62 | 10.04.2025 10:05:25 |
| 51 | 427997 | Маркази экспертизаи судию тиббии вилояти Хатлон | Таъмири утоқҳои корӣ ва саҳни ҳавлии марказ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 10:10:30 |
| 52 | 427995 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №90»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 10.04.2025 10:10:40 |
| 53 | 427994 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №127»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 10:30:00 |
| 54 | 428001 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Алафдаравак, ниҳоли гули мавсимӣ ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 10.04.2025 11:08:16 |
| 55 | 428000 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашии бинои Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Лахш | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 11:10:00 |
| 56 | 428003 | Муассиаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №45»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 36 | 10.04.2025 11:14:11 |
| 57 | 428005 | Муассиаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №17»-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 10.04.2025 11:25:48 |
| 58 | 428002 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Автомашина | Озмуни кушод | Мол | 3 | 10.04.2025 11:30:00 |
| 59 | 428004 | Муассисаи давлатии махсуси умумии асосии «Мактаб-интернати №3»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 10.04.2025 13:00:00 |
| 60 | 428008 | Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории шуъбаҳои беморхона | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 13:00:00 |
| 61 | 428009 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Таъмири ҷории бино дар марказ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 14:15:00 |
| 62 | 428010 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмин ва насб кардани камераҳои назоратӣ, асбобҳои занги мактаб ва таҷҳизоти офисӣ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 14:25:00 |
| 63 | 428011 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Воситаҳои гигиенаи шахсӣ, маводи тозакунандаи хоҷагидорӣ ва безараргардонии тамоми биноҳо дар давоми чорабиниҳои протоколӣ дар маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни кушод | Мол | 70 | 10.04.2025 14:33:33 |
| 64 | 428012 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ, техникаи маишӣ, молҳои хоҷагидорӣ, маводҳои шустушӯйӣ, лавозимоти ошхона, хӯрокаи омехта, қолин, рахти хоб, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои варзишӣ, барқӣ ва сантехникӣ барои эҳтиёҷоти маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни кушод | Мол | 156 | 10.04.2025 14:33:33 |
| 65 | 428014 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳияи лоиҳаи кории бинои муассисаи таълимии №23 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Шаватки поёни ҷамоати деҳоти Рарзи ноҳияи Айнӣ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2025 14:40:00 |
| 66 | 428006 | Бонки миллии Тоҷикистон | Дарахти навъи санавбар ва планшет | Озмуни кушод | Мол | 2 | 10.04.2025 15:00:00 |
| 67 | 428013 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Тахтаҳои электронӣ ва проектор | Озмуни кушод | Мол | 2 | 10.04.2025 15:00:00 |
| 68 | 428016 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Корҳои таъмирӣ дар бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 15:00:00 |
| 69 | 427986 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и минтақаи Рашт | Барқарорсозӣ ва тоза намудани зери пули км 139-и роҳи автомобилгарди байналмиллалии Ваҳдат-Рашт-Лахш-сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 20:48:45 |
| 70 | 427992 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и минтақаи Рашт | Барқарорсозии канори роҳ дар км 201 ва тоза намудани зери пули км 199-и роҳи автомобилгарди байналмилалии Ваҳдат-Рашт-Лахш-сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.04.2025 21:01:51 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 19 марти соли 2025, соати 16:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора
Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97